**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи**
**илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос**

Парвандаи аттестатсионии №___
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 01.07.2026, №9

Барои сазовор донистани Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ).

Диссертатсияи Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ дар мавзуи «Вижагиҳои гузариши ВАО аз низоми шуравӣ ба демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дурнамо ва масъалаҳо (солҳои 1991-2020)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми марти соли 2026, №83/шд) аз 22-юми апрели соли 2026, протоколи №4 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ 11-уми январи соли 1990 дар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ соли 2012 зинаи бакалаври факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро бо ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик ва соли 2018 шуъбаи магистратураи Донишгоҳи мазкурро аз рӯйи ихтисоси рӯзноманигорӣ хатм намудааст.

Солҳои 2020-2023 дар шуъбаи докторантураи PhD-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба корҳои илмию таҳқиқӣ машғул шудааст. Аз моҳи майи соли 2025 ба ҳайси муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои факултети омӯзгорӣ ва фарҳанги Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи журналистикаи факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ анҷом ёфтааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Саъдуллоев Ҷамшед Муллокомилович**.

**Муқарризони расмӣ**: **Муллоев Шариф Боқиевич** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии факултети филологияи рус, журналистика ва медиатехнологияҳои Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон» ва **Шарипов Сангимурод Исматуллоевич –** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи рӯзноманигории факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода»** дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – мудири кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Галимова Моҳинур, эксперт – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи мазкур Муъминҷонов Зулфиддин, котиби илмии ҷаласа – доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси рӯзноманигорӣ, муаллими калони кафедра Мулоева Нишона имзо гардида, бо имзою мухри ректори муассиса, профессор Назарзода Маҳмуд Мирзо тасдиқ шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ дар мавзуи «Вижагиҳои гузариши ВАО аз низоми шуравӣ ба демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дурнамо ва масъалаҳо (солҳои 1991-2020)» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони

бевоситаи соҳаи рӯзноманигорӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок мекунанд ва дар ин самт асару мақолаҳое таълиф намудаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 7 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 4 мақола (1 мақола бо ҳаммуаллифии роҳбари илмӣ) дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводди интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳқиқи мавзуъ собит менамоянд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Сафаралӣ, А. (Сафарализода, А.С.). Вижагиҳои мустақилгардии ВАО-и тоҷик / Абдуҷаббори Сафаралӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №8. Қисми II. – С. 254-257.

[2-М]. Сафаралӣ, А. Баъзе масъалаҳои таҳқиқи назариявии гузариши ВАО-и вобаста ба мустақил / Абдуҷаббори Сафаралӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №5. – С. 276-279.

[3-М]. Сафаралӣ, А. Заминаҳои сиёсӣ-ҳуқуқии ташаккули матбуоти даврӣ / Абдуҷаббори Сафаралӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №6. – С. 308-312.

[4-М]. Саъдуллоев, Ҷ.М., Сафаралӣ, А.. Ожонсиҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ҷамшед Саъдуллоев, Абдуҷаббори Сафаралӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – №6. – С. 233-238.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[5-М]. Сафарали, А. (Сафарализода, А.С.). Информационная политика и СМИ в Республике Таджикистан / Абдуджаббори Сафарали // Вестник Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Серия исторические и археологические, педагогические и филологические науки. – Куляб, 2019. – №2 (23). – С. 123-128.

[6-М]. Сафаралӣ, А. Терроризм – доғи рӯз (андешаҳо дар асоси маводди матбуоти даврӣ) / Абдуҷаббори Сафаралӣ // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён оид ба натиҷагирии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соли 2019 бахшида ба солҳои 2020-2040 – «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиятшиносӣ дақиқ ва риёзӣ» (ш. Кӯлоб, 23-25 апрели соли 2020). – Кӯлоб, 2020. – С. 347-349.

[7-М]. Сафаралӣ, А. Нақши санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар ташаккул ва рушди матбуоти даврии тоҷик / Абдуҷаббори Сафаралӣ // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Таъсири интернет ва расонаҳои рақамӣ дар мусоидат ба таърихи васоити ахбори омма ва омӯзиш дар замони муосир» (ш. Кӯлоб, 3-юми майи соли 2025). – Кӯлоб, 2025. – С. 41-44.

**Ба автореферати диссертатсия аз муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, профессори факултаи гуманитарию педагогии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон **Ҳамидиён Илҳомҷон Иномзода** мусбат буда, дар он пешниҳоду эродҳои зерин манзур шудаанд:

1. Дар баррасии таҷрибаи кишварҳои пасошуравӣ таҳлили муқоисавӣ бо давлатҳои ҳамсояи Осиёи Марказӣ маҳдуд аст. Ин гуна муқоиса имкон медод, ки хусусиятҳои хоси модели рушди ВАО дар Тоҷикистон равшантар муайян карда шаванд.

2. Дар таҳқиқ масъалаи таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ ва платформаҳои рақамии нав ба рушди ВАО дар солҳои охир нисбатан маҳдуд баррасӣ шудааст. Бо назардошти он, ки солҳои охири давраи таҳқиқ (2015-2020) маҳз марҳилаи густариши шабакаҳои иҷтимоӣ мебошад, таҳлили амиқтари ин раванд метавонад арзиши таҳқиқро бештар намояд. Истиноди бештар ба таҳқиқоти анҷомёфта дар ин самт низ беҳбудӣ мехоҳад.

3. Масъалаи мустақилияти иқтисодии воситаҳои ахбори омма ва таъсири бозори реклама ба фаъолияти расонаҳо метавонист, ки амиқтар ва бо истифода аз маълумоти мушаххаси иқтисодӣ таҳлил гардад.

**2. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Данғара **Олимиён Сабрина Шамсулло** низ мусбат буда, дар он чунин эродҳо оварда шудаанд:

1. Ба назар чунин мерасад, ки дар баррасии баъзе масоили матраҳшуда ва ҳамчунин, хулосаҳои ҳар боб ҷасорати илмӣ ва пешниҳодоти муаллиф камтар мушоҳида мешаванд.

2. Дар автореферати диссертатсия гуногуннависии калимаю таркибҳо (Истиқлол / истиқлолият / Истиқлолият; матбуоти даврӣ / матбуоти чопӣ) ва ғалатҳои имлоию мантиқӣ (саҳ. 13, 19, 28, 32) ба назар мерасанд.

**3. Дар тақризи** номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи журналистика ва иттилооти рақамии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода **Сайфитдинова Гулчеҳра Азимовна** дастовардҳои довталаб ва аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ таъкид гардида, ба автореферат се эрод гирифта шудааст:

1. Муаллиф дар автореферати диссертатсия нисбат ба муҳаққиқони тоҷик аз муҳаққиқони беруна бештар иқтибос овардааст.

2. Агар ҳангоми пажуҳиш низоми ВАО-и Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ягон ҷумҳурии собиқ шуравӣ муқоиса мегардид, қиммати кор боз ҳам меафзуд.

3. Такрор омадани баъзе калимаҳо дар ҷумлаҳо ба назар мерасанд, ки боиси номавзунии матн гаштаанд.

Муқарризон дар баробари муайян кардани баъзе заъфу нуқсонҳои автореферати диссертатсия аҳаммияти ҷанбаҳои назарию амалӣ ва навоварии онро таъкид карда, муаллифро ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) сазовор донистаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

- диссертант Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ бо истифода аз назарияҳо ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии самти рӯзноманигорӣ ба таҳқиқи хусусиятҳои гузариши ВАО-и Ҷумҳурии Тоҷикистон аз низоми шуравӣ ба демократӣ пардохта, дурнамо ва масъалаҳои меҳвариро **муайян карда,** кори илмии муҳим ва арзишмандро **ба анҷом расонидааст;**
- шароити сиёсию ҳуқуқии ташаккули низоми муосири матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон **омӯхта шуда,** омилҳои асосии ташаккули заминаҳои қонунгузории низоми матбуоти даврӣ дар солҳои 1991-2020 **муайян карда шудаанд;**

- вазъ ва муҳтавои қонунгузории амалкунанда ва ба танзимдароварандаи фаъолияти матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон **баррасӣ гардида,** самт, шакл ва доираи фаъолияти воситаҳои ахбори омма дар Ҷумҳурии Тоҷикистон **таъин шудаанд;**
- оид ба заминаҳои рушди нашрияҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавии Тоҷикистон, ҳамчунин, матбуоти ақаллиятҳои миллӣ, ки зернизоми хоссаро ташкил мекунанд, маълумоти мушаххас **пешниҳод гардидааст**;
- нақши расонаҳои байналмилалӣ дар рушди фазои иттилоотии ватанӣ таъин гардида, таъсиру саҳми сармояҳои хориҷӣ дар ташаккулу таҳаввули низоми ВАО-и тоҷик **таҳқиқу баррасӣ гардидааст**;
- фазои иттилоотӣ ва матбуоти даврии тоҷик марҳилабандӣ шуда, нақши назаррас доштани ВАО дар таҳаввул ва таҳкими ҳаёти иҷтимоӣ **собит карда шудааст.**

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки диссертатсия то андозае донишҳои назариро дар самти рӯзноманигорӣ тақвият бахшида, дар баррасӣ ва таъини нақши ВАО дар шароити ҷаҳонишавӣ мусоидат карда метавонад. Мавodди таҳқиқ ва хулосаҳои муаллиф дар коркарди назарияи минбаъдаи мавзуъ ва таъини қонунмандиҳову низоми таҳаввулоти ВАО дар кишварҳои Осиёи Марказӣ замина фароҳам меорад. Ҳамчунин, дар диссертатсияи мазкур дурнамои мавзуъ ва таҳқиқоти минбаъда дар самти низоми ташаккулу таҳаввули ВАО-и ватанӣ ва муқоисаи он бо ВАО-и хориҷӣ масъалагузорӣ шудааст.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ ва таҳқиқи масъалаҳои ҷудогона таҷриба ва дастовардҳои илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла И. Усмонов, А.Н. Нуралиев, А. Саъдуллоев, М.М. Султонов, Д.Б. Ҳомидов, М. Кастелс, М. Маклюэн, Р. Негрин, И.И. Засурский, Л.М. Землянова, С.Г. Мелник, С. Миронюк, Д. Стровский, А.Н. Тепляшина, А. Чернов ва дигарон ҳамчун маводи назарӣ **омӯхта ва истифода шудаанд.**

Дар диссертатсия вобаста ба масъалагузориҳои мушаххас аз **усулҳои** бархурди маҷмуӣ ва низомнок, методҳои муқоисавӣ ва таҳлили функсионалӣ, пурсишҳои экспертӣ ва таҳлили оморӣ истифода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки ин таҳқиқи илмӣ ва маводди ҷамъовардашуда метавонад ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимию методӣ, таълиму тадриси курсу семинарҳои доир ба таърихи журналистикаи тоҷик, моликияти зеҳнӣ ва амнияти иттилоотӣ,

агентиҳои иттилоотӣ ва этикаи касбӣ мавриди истифода қарор гиранд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқро метавон зимни коркарди консепсияҳои сиёсати иттилоотии ВАО дар соҳаҳои гуногун ва таҳияи меъёрҳои ахлоқӣ барои журналистон мавриди истифода қарор дода, ба ин восита фаъолияти низомноку самарабахши журналистиро тақвият бахшид.

Маводди таҳқиқ ҳамчун асосу замина имкони коркарди назарияи минбаъдаи мавзуъ, ошкорсозии қонунмандиҳои умумии таҳаввулотӣ дар кишварҳои Осиёи Марказиро ба вуҷуд оварда метавонад. Маводди амалӣ ва хулосаҳои асосии рисоларо зимни таълими таърихи журналистикаи тоҷику хориҷӣ, курсҳои махсус ва семинарҳо истифода бурдан имкон дорад.

**Ғояи** диссертатсия дар асоси омӯзиш ва истифодаи афкори муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ва дар заминаи таҳлилу баррасии маводди солҳои 1991-2020-и матбуоти даврии минтақавию ҷумҳуриявӣ, ҳамчунин, заминаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии ташаккули низоми нави матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд,** ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарияи журналистикаи ватанию хориҷӣ истифода шудааст. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз мушаххас будани мавзуъ, дақиқии маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводди таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти усулҳои таҳқиқ бармеоянд. Хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар асоси таҳлили илмию назарии мавзуъ пешниҳод шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он зоҳир мегардад, ки ӯ дар муддати 8 сол ба ҷамъовариву таҳлили маводди илмӣ, омӯзиши осори назарӣ, таснифу таҳлили маводди гирдовардашуда ва таълифи кори илмӣ машғул гардида, дар ин самт мақолаҳо таълиф намуда, дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ суханронӣ кардааст. Диссертант дар ҷараёни таҳқиқ, таълифи мақолаҳои илмӣ ва диссертатсия мустақилият дошта, зимни баррасии масоили меҳварии бобу фаслҳои кори таҳқиқӣ аз роҳбари илмӣ машваратҳо гирифтааст. Диссертант бо истифода аз равишҳои илмӣ дар интихобу баррасии мавод, таҳқиқи масъалаҳои марбут ба ВАО, муайян намудани вижагиҳоии гузариши ВАО аз як низом ба низоми дигар, ҷамъбаст кардани натиҷаҳои бадастомада, пешниҳодҳои мушаххас барои беҳбуд бахшидани фаъолияти ВАО, фароҳам овардани замина барои таҳқиқоти баъдӣ ва интишори натиҷаҳои таҳқиқ саҳми назаррас дорад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 1-уми июли соли 2026 дар бораи сазовор донистани Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 11 нафар аъзои шуро 9 нафар (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми марти соли 2026, №83/шд), аз ҷумла 3 нафар доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси 6D050401 – Рӯзноманигорӣ иштирок доштанд.

Аз 9 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 9 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Ҳошимзода Б.Ҳ.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Зоириён Б.Ш.

01.07.2026